# ҶАВОНОН – САРМОЯИ БЕНАЗИРИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 3 (203) 21-УМИ МАЙИ СОЛИ 2025, ЧОРШАНБЕ

ИШТИРОКИ НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТРЕНИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ с. 2

ДМТ - МАХЗАНИ ИЛМУ ДОНИШ ДАР МАРКАЗИ ДУШАНБЕ с. 4

РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА с. 5

ХУҚУҚШИНОСИ АСРИ XXI БА КАДОМ ТАЛАБОТҲО БОЯД ҶАВОБГӮ БОШАД? с. 6

ДУШАНБЕ – ГАҲВОРАИ МУОСИРИ РУШДИ ТАМАДДУНИ ТОҶИКОН с. 7

ОЗОДИИ АҚИДА, ВИҶДОН ВА ДИН МУВОФИҚИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН с. 11

АЗ МОҲИЯТИ ТЕРРОРИЗМ ТО ЗАРУРАТИ МУҚОВИМАТ БО ОН с. 14



**Ҷавонони мо ҳамчун ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ мебошанд.**

**Ҷавонони мо бояд ба масъалаҳои омӯхтани таърихи пурғановати миллати тоҷик, осори гаронбаҳои гузаштагони халқамон, пос доштани забони давлатӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, арҷ гузоштан ба рамзҳои давлатӣ ва арзишҳои милливу фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва густариши эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд ва дар ин самтҳо ташаббускор бошанд.**

**Ватанро сидқан ва самимона дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар кадоми шумо – ҷавонон бояд ин арзишҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳед.**

Эмомалӣ РАҲМОН

**МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС**

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ
ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, декани
факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид
ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи
АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ректори ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ,
академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат, узви вобастаи
АМИТ.

**ШАРТҲОИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда
намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times
New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ
шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи
муаллифон мувофиқ аст ва
ақоиди мухталифро ба хоти-
ри риояи чандандешӣ ба табъ
мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати
фарҳанги ҶТ таҳти №0336/
рз аз 18-уми марти соли
2016 ба қайд гирифта
шудааст.

Нишонии идора: ш. Душан-
бе, Буни Ҳисорак, шаҳраки
Донишҷӯён, факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# ИШТИРОКИ НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТРЕНИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ



Дар доираи барномаи Аврупоии ЭRASMUS + дар самти табодули академии омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов Изатулло Тешаевич бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар тренинги байналмилалӣ дар Донишгоҳи Даугавпилси Ҷумҳурии Латвия иштирок намуд. Дар ҳамоиши мазкур беш аз 60 нафар олимону профессорон бо намояндагӣ аз 12 кишвар иштирок намуданд.

Дар ҳамоиши сатҳи баланди байналмилалӣ дотсент Маҳмудов И.Т. Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муаррифӣ намуда, имконият ва зарфиятҳои Донишгоҳро дар самти табодули академии омӯзгорону донишҷӯён ҷиҳати таҳкими бештари робитаҳои байналмилалӣ бо шарикони хориҷӣ таъкид намуданд.

Дар ҷараёни сафари корӣ дар ҳошияи барномаи мазкур мулоқоти судманд бо Ректори Донишгоҳи Даугавпилс, доктори илмҳои биологӣ, профессор, академик Арвидс Барсевкис; проректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Янис Кудинс; проректор оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, бехатарӣ ва ахлоқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Янис Тейванс-Трейновскис анҷом дода шуд.

Умедворем, ки натиҷаҳои тренинги мазкур ва суҳбату мулоқотҳо барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва муаррифии шоистаи Донишгоҳ мусоидат хоҳанд кард.




# ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ



Санаи 12 майи сол 2025 дар Шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон намоиш ва фурӯши китобҳои тозанашр баргузор карда шуд.

Дар чорабинии мазкур донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзида, бо тозатарин китобҳои бадеӣ аз адабиёти классику муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳонӣ ва адабиёти бачагона ва осори илмии олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ ошноӣ пайдо намуданд.

Дар намоишгоҳ намунаи беҳтарин асарҳои бадеии сатҳи ҷаҳонӣ, осори пурғановати бузургони тоҷику форс, ки бо тарҳу намои зебо рӯйи чоп омада буданд, пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр намуд, ки иштирок дар чунин чорабиниҳо барои баланд бардоштани завқи бадеии ҷавонон, бедор намудани ҳисси ифтихору садоқат ба мероси гаронбаҳои ниёгон ва оммавигардонии китобхонӣ саҳми босазо мегузорад.



# ВОХӮРИ СУДМАНД ОИД БА МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ФАКУЛТЕТ

7 майи соли 2025 дар шаҳраки донишҷӯён вохӯрии судманд бо иштироки аъзоёни гурӯҳи корӣ, намояндагони садорати факултет, устодон ва донишҷӯёни гурӯҳҳои фосилавӣ баргузор гардид. Чорабинии мазкур дар доираи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021–2025 роҳандозӣ шуда, ҳадафи асосии он баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таҳкими масъулияти шаҳрвандӣ ва ташаккули шуури зидди ифротгароӣ мебошад. Дар ҷараёни вохӯрӣ баромадкунандагон доир ба хатари терроризм ва экстремизм, аҳаммияти риояи қонун, саҳми ҷавонон дар муқовимат бо хатарҳои замони муосир ва нақши донишҷӯёни ҳуқуқшинос дар таҳкими сулҳу субот андешаҳои худро баён карданд. Баргузории чунин вохӯриҳо барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таҳкими фарҳанги қонуният ва таҳкими масунияти ҷавонон алайҳи хатарҳои иҷтимоӣ аҳаммияти хос дошта, ба таври муназзам ба роҳ монда мешавад.



# МУСОБИҚАИ ФУТБОЛИ ХУРД МИЁНИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ



4 апрели соли 2025 мусобиқаи футболи хурд миёни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ барои дарёфти ҷоми декани факултет оғоз гардида, давоми як моҳ идома ёфт ва 3 майи соли 2025 дар ҳошияи «Моҳвораи футбол дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» маросими ҷоизасупории ғолибони мусобиқа сурат гирифт.

Дар вазъияти тантанавӣ дастаҳои ғолиб ва иштирокчиёни фаъол қадрдонӣ шуданд. Дар натиҷа дастаҳои курси 2 ГДЕ сазовори ҷойи якум, курси 2 ИДҲ сазовори ҷойи дуюм ва курси 2 ЕЖЗ сазовори ҷойи сеюм гардида, бо медал, мукофотҳо ва Ҷоми мусобиқа қадрдонӣ гардиданд.



# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ АМАЛИ НОМАТЛУБ

Таърихи 3 майи соли 2025 дар толори калони шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон воҳӯрии судманд бо иштироки декани факултети ҳуқуқшиносӣ - Мирзозода П.З., сардори раёсати таълими Донишгоҳ - Шарифзода И.М., профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия - Шарипов Т., устодон ва донишҷӯёни соли якум баргузор гардид.





Дар ҷараёни воҳӯрӣ баромадкунандагон доир ба паҳлуҳои гуногуни масоили мазкур андешаронӣ намуда, донишҷӯёнро ба зиракии сиёсӣ ҳушдор сохтанд.

Баъд аз баромадҳо саволу ҷавоб ва мубодилаи афкор сурат гирифта, иштирокчиён тавсияҳо ва пешниҳодҳои худро оид ба бехтарсозии корҳо дар самти пешгирӣ аз зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ ироа намуданд.

# МУЗАФФАРИЯТИ ДАСТАИ ОЛИМПИИ ФАКУЛТЕТ

Рӯзи 29 апрели соли 2025 декани факултети ҳуқуқшиносӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. бо дастаи олимпии факултет воҳӯрӣ анҷом дода, донишҷӯёнро барои дастовардҳояшон, ки дар озмунҳои милливу байналмилалӣ сазовор гардидаанд, самимона шодбош гуфтанд.

Бояд иброз дошт, ки панҷ нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ барандаи стипендияи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ гардида, панҷ нафар донишҷӯйи дигар дар Форуми иқтисодии ҷавонони АвруОсиё — 2025 ҷойҳои аввалро ишғол намуданд.

Ин дастовардҳо собит месозанд, ки факултети ҳуқуқшиносӣ яке аз факултетҳои пешсафу бонуфузи кишвар маҳсуб ёфта, донишҷӯёнаш дар озмунҳои байналмилалӣ ва миллӣ пайваста натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд.



# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДАР ОНЛАЙН-ВИКТОРИНА

Аз 28 апрел то 1 майи соли 2025 дар ҳошияи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти ҳамкориҳои Олмон (GIZ) онлайн - викторина таҳти унвони «Ҳифзи пиряххо-2025» баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд.

Пас аз натиҷагирӣ донишҷӯйи соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ - Маъруфиён Бежаншоҳ ва магистранти соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ Набиев Зоҳир ғолибони викторина гардиданд. Маросими ҷоизасупории ғолибон санаи 3 май дар Грин вуд Хаус баргузор гардид, ки дар рафти он ғолибон бо сертификат ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.




# ХУШХАБАР

Китоби тозанашри устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантон ба нашр расид.

Дар ин асар фанҳои муҳимтарини ҳуқуқӣ, аз қабили назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи сайёҳӣ ва аудит, ки барои таҳсили самараноки донишҷӯёни факултетҳои гуногуни ДМТ заруранд, ҷамъоварӣ шудаанд.



Ин китоб ҳамчун дастури таълимӣ ва таҳқиқотӣ метавонад ба густариши дониши ҳуқуқии донишҷӯён ва такмили малакаҳои касбии онҳо мусоидат намояд.

# ДМТ - МАХЗАНИ ИЛМУ ДОНИШ ДАР МАРКАЗИ ДУШАНБЕ

*Дар замони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон симои шаҳри Душанбе ба куллӣ тағйир ёфта, ба яке аз марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар мубаддал гардид. Имрӯз бо талошҳои пайгиронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ маркази давлат ба мизбони баргузории чорабиниҳои мухталифи сиёсиву фарҳангӣ ва варзишии сатҳи байналмилаливу минтақавӣ табдил ёфтааст. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз шаҳри Душанбе маркази иттиҳод ва ваҳдати ҷомеа маҳсуб мешавад.*

Лозим ба таъкид аст, ки мақоми ҳуқуқии Душанбе ба сифати пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 4-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст. Ҳамчунин, дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври зайл муқаррар шудааст: Шаҳри Душанбе, ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маркази маъмурию сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию таълимӣ ва таърихию фарҳангии мамлакат буда, воҳиди маъмурию ҳудудиест, ки мақоми махсуси давлатӣ дошта, дар он қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтардории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда, маҳалли нигоҳдории нусхаи аслии матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойи тайёр кардани шакли аслии рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад».

Ҳамин аст, ки шаҳри Душанбе ҳамчун маркази маъмурии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва оинаи миллати соҳибтамаддуни тоҷикон бо дастгириву ғамхориҳои доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иқдому ташаббусҳои Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ хеле зебову замонавӣ шуда истодааст. Тавре ки Сарвари давлат таъкид менамоянд: «Душанбе аз рӯзҳои нахустини пойтахт эълон гардиданаш рисолати пойтахтҳои қадимаи миллати тоҷикро ба дӯши худ гирифта, барои ташаккули давлатдорию инкишофи илму фарҳанг ва муттаҳидсозии неруҳои зеҳнию афроди пешбарандаи миллат нақши арзанда бозид... Агар мо давлати соҳибистиқлол ва озоди худро дӯст дорем, дар навбати аввал бояд пойтахти онро ободу пешрафта гардонем, барои рушди он аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда истифода барем ва исбот намоем, ки воқеан миллати тамаддунсозу фарҳангӣ, ободгару шаҳрсоз ва шаҳрнишину шаҳрдор ҳастем».

Дида мешавад, ки пойтахт рӯз то рӯз тараққӣ карда, симои худро куллан тағйир додааст. Ҳар рӯз як бинову иншооти наву замонавӣ сохта мешавад. Аз сохта ба истифода додани бинову иншооти хуштарҳу замонавӣ, коргоҳу муассисаҳои бузурги таълимӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, маишӣ то дигар марказҳои хизматрасонӣ баръало ба назар мерасад. Барои боз ҳам зеботар намудани намои ин шаҳри ҳамешабаҳор таъмиру таҷдиди роҳҳои дохили шаҳр ба роҳ монда шудааст.

Бунёди боғҳои фарҳангиву фароғатӣ, ангораҳои таърихӣ, биноҳои хуштарҳу замонавӣ, ки симои ин шаҳрро боз ҳам рангинтару нозанинтар мегардонад, барои истироҳату фароғати сокинони пойтахт ва муаррифии шоистаи шаҳр ба меҳмонони дохилу хориҷи кишвар хуб мебошад. Зикри чанд саҳифаи таърихи пойтахт зарур аст, ки ин ҳам дар соли 2021 Пойтахти фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва аз ҷониби Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) - шаҳри сайёҳӣ эълон шудани шаҳри Душанбе мебошад. Ҳамзамон, худи ҳамон сол ширкати «Турстат»-и Русия Душанберо ба рӯйхати шаҳрҳои амнтарини ИДМ дохил намуд. Албатта, бо ибтикору дастгириҳои Пешвои муаззами миллат, роҳнамоиҳои Раиси шаҳр ва бо заҳмату саҳмгузории пайвастаи сокинони шарафманди пойтахт имрӯз Душанбе ба маркази маъмуриву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва сайёҳию фароғатии Осиёи Миёна табдил ёфтааст.



Яке аз дастовардҳои намоёни шаҳри азизамон – Душанбе бунёди марказҳои илмию таълимӣ мебошад. Ҳамин аст, ки пойтахт маркази калонтарини макони илму таълимро касб кардааст. Имрӯз дар ин ҷо Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, чандин пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ фаъолият мекунанд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун бонуфузтарин маркази таълимию илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, биноҳои таълимиву хобгоҳҳояш дар гӯшаҳои гуногуни Душанбе ҷойгир шудааст. Донишгоҳ дар баробари соҳибмаълумот ва мутахассиси рақобатпазиру ҷавобгӯйи бозори меҳнат гардонидани ҷавонони миллат, таълиму тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносиву меҳанпарастӣ ва иштироки фаъол доштан дар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ, инчунин дар ободу зебонамоӣ ва тозаву озодагардонии пойтахти кишвар низ саҳм мегузорад. Ифтихори ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ низ мебошад, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ хатмкардагони ин боргоҳи бузурги илмию таълимӣ мебошанд.

Боиси сарфарозист, ки дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон, рушду равнақи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Фаъолияти босамар ва натиҷабахши устодону кормандон ва муҳаққиқони ин боргоҳи илму маърифат буд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, 30-юми майи соли 2024 ба вижа қайд намуданд: «Устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешсаф ғайр аз фаъолияти таълимӣ барои пешрафти илми мамлакат низ саҳми худро мегузоранд». Чунин баҳои баланди Пешвои муаззами миллат раёсат ва ҳайати омӯзгорону кормандон ва муҳаққиқони донишгоҳро водор месозад, ки тамоми саъю кӯшиш ва донишу малакаи касбии худро барои пешбурди фаъолияти муназзами таълимӣ, илмиву инноватсионӣ, тарбиявию идеологӣ ва анҷом додани таҳқиқоти илмии арзишманд барои пешрафти Ватани азизамон равона намоянд.

Имрӯз донишгоҳ дорои 19 факултет, 126 кафедра, 134 ихтисос, Институти илмию таҳқиқотӣ, Литсейи равияҳои табиию риёзӣ, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии назди донишгоҳ, Донишкадаи Конфутсий, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ ва таҳқиқотӣ, марказҳои интернетӣ, синфхонаҳои компютерӣ, ҳуҷраҳои лингофонӣ, зиёда аз 10 маркази хизматрасонии таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, 3 пойгоҳи таҷрибавӣ, бунгоҳи тиббӣ ва майдончаҳои варзишӣ мебошад. Донишгоҳ барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантони ватанию хориҷӣ беҳтарин хобгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир дорад. Донишгоҳ беш аз 2 ҳазору 500 нафар устоду корманд ва наздик ба 23 ҳазор нафар донишҷӯро муттаҳид карда, тамоми шароити заруриро барои таълим фароҳам сохтааст.

Муҳимтарин дастоварди таърихӣ барои донишгоҳ қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 20-уми июни соли 2024 мебошад, ки лоиҳаи он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои муаззами миллат ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчун муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии касбии кишвар, гувоҳӣ медиҳад.

Бо ибтикори Пешвои муаззами миллат, бо мақсади рушди тафаккури миллӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ чанд сол аст, ки озмунҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор мегарданд. Соли 2024 дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» баргузор гардиданд. Боиси ифтихори ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ аст, ки дар ин озмунҳо Донишгоҳи миллӣ пайваста пешсаф мебошад.



Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ректори ДМТ

Дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дастаи донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, бо гирифтани 11 ҷой (2 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм, 3 ҷойи сеюм ва 4 ҷойи ифтихорӣ) миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар сазовори ҷойи аввал гардид.

Ҳамчунин, дастаи донишҷӯёни донишгоҳ дар даври хотимавии озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» аз рӯйи номинатсияҳои математика (арифметика, алгебра, геометрия), физикаю астрономия, химия, биология (ботаника, анатомия), технологияи иттилоотӣ, география ва ихтироъкорӣ иштирок намуда, бо соҳиб гардидани 12 ҷойи ифтихорӣ (3 ҷойи 1-ум, 4 ҷойи 2-юм ва 5 ҷойи 3-юм) дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори ҷойи аввал гардид.

Дигар дастоварди муҳими донишгоҳ дар соли 2024, ин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29-уми апрели соли 2024, №243 таъсис ёфтани Корхонаи воҳиди давлатии “Маҷмааи варзишӣ”-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ки он дар татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар соҳаи варзиш, оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар соҳаи варзиши ҷаҳонӣ бо ташаббуси Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ қабул гардидани Қатъномаи махсус аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва эълон шудани Рӯзи ҷаҳонии футбол (25-уми май) ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади ҳамовозӣ аз ин ташаббуси ҷаҳонӣ, раёсати донишгоҳ дастаи футболи хурди донишгоҳро бо унвони дастаи “Сомон” таъсис дод ва ҷиҳати фаъолияти он миёни дастаҳои касбӣ шароити мусоидро барои машқу тамрин муҳайё намуд.

Бояд қайд намуд, ки дастовардҳои илмию таълимӣ ва фарҳангию байналмилалии донишгоҳ хеле зиёд аст, зеро симои донишгоҳро дастовардҳои гуногуни омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён инъикос менамоянд. Ҳайати устодону кормандон барои баланд бардоштани нуфузу эътибори ин махзани илму маърифат пайваста кӯшиш менамоянд, ки ҷиҳати татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузошта бошанд.

Сарфароз аз онем, ки донишгоҳ ҳамчун даргоҳи дониш ва махзани маърифат дар қалби шаҳри Душанбе фаъолият мекунад.

*Аз соли 1994 то инҷониб аҳли комил ва мадании ҷомеаи ҷаҳон Рӯзи байналмилалии оила (International Day of families) - ро ҷашн мегиранд. Дар Қатъномаи Ассамблеи Созмони Миллали Муттаҳид зикр шудани ҷашни ин рӯз ба он алоқаманд аст, ки оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва таъмини устувории ҷомеа нақши калидӣ дорад. Масъулияти падару модар, дигар аъзоёни оила дар таълиму тарбияи фарзандони ноболиғ ва тақвияти муносибатҳои созанда муҳим буда, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 дар кишвар — Соли оила эълон гардид. Президенти кишвар ба ташаккули оила устувор ва созанда аҳамияти хоса зоҳир намуда, иброз намуданд: “... оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модару кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.” Дар низоми чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ масъалаҳои оилавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ мебошад.*

Таъсиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати кишвар ва фаъолияти самараноки он ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила, муҳайё сохтани шароити баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ба даст овардани баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки занҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, идораи корҳои давлатию ҷамъиятӣ муҳим мебошанд.

Дар таъмини чунин натиҷаҳои муфид нақши чораҳои таълимию маърифати аз аҳамият берун нест. Зарурати дарки илмиии оила ва муносибатҳои шахсӣ ва молумулкии ба он алоқаманд дар низоми донишҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ҳуқуқи оилавиро ба вуҷуд овард.

Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фанни тахассусии ҳуқуқшиносӣ ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии ҷорӣ, таълим дода мешавад. Таълимоти мазкур заминаҳои илмӣ, ташкилӣ, кадрӣ ва методию таълимиро дорад. Ин таълимот бо дониш ва кадрҳои илмӣ, қонунгузории ҷумҳурӣ ва адабиёти таълимӣ таъмин мебошад.

Дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар робита ба: “Масъалаҳои вобаста ба сулҳу ваҳдат, манфиатҳои муҳимми миллӣ, амнияти иттилоотӣ, таърихи халқи тоҷик, забон, адабиёт, фарҳанг, масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ, рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, сиёсати хориҷӣ, таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ: кибертерроризм, киберҷиноятҳо, аз байн бурдани хурофот, ифротгароии динӣ ва терроризм” яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар муносибатҳои оилавӣ барои солҳои 2021— 2025 эътироф гардидааст. Мувофиқи банди 14 “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 – 2030”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 264 тасдиқ шудааст, чунин талабот муқаррар гардидааст: “дар раванди омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ таваҷҷуҳи махсус бояд барои тайёр кардани кадрҳои соҳаи илмҳои ... ҳуқуқи байналмилалӣ, соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ... карда шавад.” Бинобар ин, масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ муҳим пазируфта шудаанд.

Тибқи сархати 4 зербанди 7 банди 20 зербоби 1 боби 6 “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 263 тасдиқ гардидааст, “рушди ҳуқуқ, давлатдорӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон” ҳамчун яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар кафедра эътироф шудааст.

Ҳамин тавр, вобаста ба иҷрои талаботҳои болозикр ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ профессори кафедра, академики Академияи миллии илмҳои ҷумҳурӣ, Устод Маҳмудзода М. А. таҳқиқотҳои муҳим анҷом додаанд. Зери роҳбарии ӯ дотсенти кафедра Ҳиматов Ҳ. Н., Қаландарзода М. С., Урунова С. В. ва Абедини М. Ҳ., дар масъалаҳои муносибатҳои молумулкӣ дар оила, ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи ноболиғон, хусусиятҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва пешгирии талоқ рисолаҳои илмӣ эҷод ва ҳимоя намудаанд.



ҒАЮРЗОДА Шукрулло
мудири кафедраи ҳуқуқи мадани,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

## РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА




Зери роҳбарии ман Ғаффорзода И. Ғ — профессори кафедра дар мавзӯи “Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилиятӣ” соли 2020 рисолаи докторӣ дифоъ намуданд. Масъалаҳои ҳуқуқи иттилоотӣ ва манзилии ноболиғон яке аз самтҳои таҳқиқоти илмии профессори кафедра Қурбонализода Н. Ш. мебошанд. Султонзода Дилрабо Шодихон — муаллимаи кафедра дар мавзӯи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” соли 2024 рисолаи илмии худро ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ шуданд.

Зери роҳбарии Муртазозода Ҷ. С. — профессори кафедра докторанти кафедра Анна Роландовна Пурге рисолаи илмии худро дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами модарии мавридӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федерасияи Россия: назария ва амалияи истифодаи технологияҳои ёрирасони репродуктивӣ” соли 2022 дифоъ намуданд.

Кафедра дар тафсири Конститутсияи ҷумҳурӣ, Кодекси оилаи ҷумҳурӣ, дар амалӣ намудани “Стратегияи миллии фаъол гардонидани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021—2030 ”, “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017 – 2022” ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавию меъёрии ҳуқуқӣ саҳмгузор мебошад.

# ҲУҚУҚШИНОСИ АСРИ XXI БА КАДОМ ТАЛАБОТҲО БОЯД ҶАВОБГӮ БОШАД?



**САНГИНЗОДА Дониёр**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

*Касби ҳуқуқшиносӣ дар асри XXI таҳти таъсири тағйироти технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дигаргун мешавад. Зеҳни сунъӣ, ҷаҳонишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳдидҳои киберӣ ва принсипҳои рушди устувор (ESG) талаботи навро ба ҳуқуқшиносон шакл медиҳанд. Ҳуқуқшиноси муосир бояд донишҳои амиқи ҳуқуқиро бо саводи технологӣ, малакаҳои забонӣ, муносибати байнисоҳавӣ ва масъулияти ахлоқӣ муттаҳид кунад.*

Технологияҳои LegalTech, аз қабили зеҳни сунъӣ, блокчейн, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва пешгӯии карорҳои судиро автоматӣ мекунанд. Тибқи маълумоти Deloitte (2023) 62% ширкатҳои ҳуқуқӣ дар кишварҳои пешрафта зеҳни сунъиро истифода мебаранд, ки аз ҳуқуқшиносон малакаи кор бо технологияи рақамӣ ва таҳлили хатарҳои онҳоро талаб мекунад. Интегратсияи иқтисодӣ вазифаҳои ҳуқуқиро мураккаб мегардонад, ки дониши меъёрҳои байналмилалӣ ва малакаҳои забониро талаб мекунад. Забонҳои русӣ ва англисӣ дар амалияи трансмиллӣ калидӣ мебошанд. Афзоиши ҷиноятҳои киберӣ (зиён $8 трлн дар соли 2024, Cybersecurity Ventures) талаботро ба ҳуқуқшиносоне, ки дар ҳуқуқи киберӣ ва GDPR тахассус доранд, зиёд мекунад, ки дониши IT-ро талаб мекунад. Стандартҳои ESG хусусан дар Аврупо ҳатмӣ мешаванд. Ҳуқуқшиносон оид ба меъёрҳои экологӣ ва масъулияти иҷтимоӣ машварат медиҳанд, ки фаҳмиши созишномаҳои байналмилалиро талаб мекунад. Зеҳни сунъӣ дар судҳо махфияти маълумот ва низоъҳои манфиатҳо мушкилоти ахлоқиро ба вуҷуд меорад, ки салоҳияти баланди ахлоқиро талаб мекунад.

Ҳуқуқшиносон бояд технологияи LegalTech (LexisNexis, DocuSign)-ро дошта бошанд ва асосҳои барномасозиро (масалан, Python) фаҳманд. Ин дар шароити автоматӣ муҳим аст. Вазифаҳои ҳуқуқӣ дониш дар иқтисод, IT ва экологияро талаб мекунанд. Ҳуқуқшиносон дар стартапҳо оид ба маблағгузории венчурӣ, дар ҳуқуқи киберӣ – оид ба амнияти шабакавӣ машварат медиҳанд. Забонҳои русӣ ва англисӣ ҳатмист. Русӣ барои кор бо қонунгузорӣ ва мизоҷон дар кишварҳои русзабон зарур аст, англисӣ – барои меъёрҳои байналмилалӣ ва музокирот. Донистани забонҳои дигар дар баробари ҳатман донистани забони тоҷикӣ бартарият доранд.

Талабот ба ҳуқуқшиносон дар Чин, Ҳиндустон, Япония, Сингапур меафзояд. Дар Ҷопон шумораи ҳуқуқшиносон дар ширкатҳои байналмилалӣ ба 25,005 расид, дар Ҳиндустон ҳар сол садҳо ҳазор ҳуқуқшинос хатм мекунанд. Талаботи баланд дар Норвегия, Олмон, Люксембург мавҷуд аст. Дар ИМА 1.3 млн ҳуқуқшинос, дар Канада 130,000, дар Бразилия 1.2 млн. талабот ба ҳуқуқшиносон ҷой дорад. Музди моҳонаи ҳуқуқшиносон дар Ҷопон $6000–$12,000, Чин – $4000–$9000, Ҳиндустон – $500–$6000, Сингапур – $8000–$15,000, Олмон – €6000–€10,000, Фаронса – €5000–€9000, Британияи Кабир – £5333–£10,000, ИМА – $9100–$20,000, Канада – $5208–$8667, Бразилия – $1500–$6000, Мексика – $1000–$3500 мебошад. Музди баланд бо донистани забони англисӣ ва LegalTech алоқаманд аст.

Ҳуқуқшиносон оид ба маблағгузории венчурӣ ва моликияти зеҳнӣ машварат медиҳанд. Дар ИМА музд $10,000–$20,000. Ҳуқуқшиносони ҳуқуқи киберӣ талабот доранд, бо музди €8000–€15,000 дар Аврупо, $12,000–$25,000 дар ИМА. Ҳуқуқшиносоне, ки стратегияҳои ESG таҳия мекунанд, бо музди €7000–€12,000 дар Аврупо таъмин мегарданд.

Барои омода кардани ҳуқуқшиносон дар Тоҷикистон ислоҳоти маориф бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ зарур аст. Барномаҳо бояд LegalTech, ҳуқуқи киберӣ, ESG ва забонҳоро дар бар гиранд. Намуна курси LegalTech дар Мактаби Ҳуқуқи Ҳарвард. Тренингҳо оид ба GDPR, LegalTech ва забонҳо салоҳиятро баланд мебардоранд. Таҷрибаомӯзӣ дар Clifford Chance забони англисӣ ва малакаҳои ҷаҳониро инкишоф медиҳад. То соли 2030 50% вазифаҳо автоматӣ мешаванд, то соли 2050 ҳуқуқшиносон ба машваратчиён оид ба хатарҳо, амнияти киберӣ ва ESG табдил меёбанд. Бозори Осиё 30%, Аврупо 20%, Амрико 15% меафзояд.

Тоҷикистон, ки ба интегратсия ба иқтисоди ҷаҳонӣ мекӯшад, метавонад таҷрибаи хориҷии омодасозии ҳуқуқшиносонро бо назардошти афзалиятҳои миллӣ мутобиқ кунад.



Дар ИМА (Мактаби Ҳуқуқи Стэнфорд) курсҳои LegalTech ҳатмист. Тоҷикистон бояд дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон курсҳои асосии зеҳни сунъӣ ва автоматӣ, ки ба захираҳои мутобиқ карда шудаанд, ҷорӣ кунад. Ин ҳуқуқшиносонро барои кор бо технологияи рақамӣ, ки дар ширкатҳои байналмилалӣ талаб карда мешаванд, омода бояд кунанд.

Дар Тоҷикистон зарур аст, ки дар баробари забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ дар амалияи байналмилалӣ таваҷҷуҳ шавад, то ҳуқуқшиносон бо мизоҷони ҷаҳонӣ кор карда тавонанд. Барномаҳои табодул бо донишгоҳҳои ИМА ва Британияи Кабир ин малакаҳоро инкишоф медиҳанд. Дар Сингапур ҳуқуқшиносон молия ва IT меомӯзанд. Тоҷикистон бояд курсҳои амнияти киберӣ ва иқтисодро бо назардошти сармоягузориҳо ба минтақа ҷорӣ кунад. Ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои Чин ва Ҳиндустон дастрасӣ ба чунин барномаҳоро таъмин мекунад.

Дар ИМА донишҷӯён дар клиникаҳои ҳуқуқӣ иштирок мекунанд. Дар Тоҷикистон донишгоҳҳо метавонанд бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ (UNDP) ҳамкорӣ кунанд, то донишҷӯён дар лоиҳаҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи муҳоҷират ва ESG кор кунанд ва малакаҳои амалиро инкишоф диҳанд. Дар Аврупо ҳуқуқшиносон сертификатсияҳо (CIPP/E оид ба GDPR) мегиранд. Тоҷикистон бояд таҷрибаомӯзиро дар ширкатҳои Тоҷикистон ва хориҷа ва дастрасӣ ба сертификатсияҳои онлайн оид ба ҳуқуқи киберӣ ва LegalTech инкишоф диҳад.

Ҳуқуқшиноси асри XXI бояд мутахассиси универсалӣ бошад, ки донишҳои ҳуқуқиро бо саводи технологӣ, малакаҳои забонӣ, муносибати байнисоҳавӣ ва масъулияти ахлоқӣ муттаҳид мекунад. Донистани забонҳои русӣ ва англисӣ дастрасӣ ба бозори ҷаҳониро мекушояд, ки дар он музд аз $500 дар Ҳиндустон то $20,000 дар ИМА фарқ мекунад. Бозори меҳнат дар Осиё, Аврупо ва Амрико талаботи баландро нишон медиҳад, аммо инкишофи доимиро талаб мекунад. Мутобиқсозии таҷрибаи хориҷӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқшиносоне омода карда шаванд, ки ба мушкилоти асри XXI ва афзалиятҳои миллӣ ҷавобгӯ бошанд. Ислоҳоти маориф, таҳсили доимӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ояндаи касбро то соли 2030 шакл медиҳанд.

Хулоса, ҳуқуқшиноси асри XXI бояд мутахассиси универсалӣ бошад, ки донишҳои амиқи ҳуқуқиро бо саводи технологӣ, малакаҳои забонӣ ва масъулияти ахлоқӣ муттаҳид кунад ва ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

1. Донишҳои ҳуқуқӣ ва ихтисос: Фаҳмиши амиқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи киберӣ, стандартҳои ESG ва моликияти зеҳнӣ. Талабот ба ҳуқуқшиносоне, ки дар бораи маблағгузории венчурӣ, амнияти киберӣ ва меъёрҳои экологӣ машварат медиҳанд, меафзояд.
2. Қобилияти технологӣ: Истифодаи технологияи LegalTech (масалан, LexisNexis, DocuSign) ва донистани асосҳои барномасозӣ (масалан, Python). Зеҳни сунъӣ то соли 2030 то 50% вазифаҳоро автоматӣ мекунад, ки малакаи кор бо платформаҳои рақамӣ ва таҳлили хатарҳои онҳоро талаб мекунад.
3. Малакаҳои забондонӣ: Дар баробари дар сатҳи олӣ донистани забони тоҷикӣ донистани забони русӣ ва англисӣ барои кор бо қонунгузорӣ ва мизоҷони ҷаҳонӣ ҳатмист. Забонҳои иловагӣ бартарият доранд.
4. Муносибати байнисоҳавӣ: Дониш дар иқтисод, технологияҳои иттилоотӣ ва экология барои машварат дар стартапҳо, ҳуқуқи киберӣ ва стратегияҳои ESG ҳатмист.
5. Масъулияти касбиву ахлоқӣ: Малакаи ҳалли мушкилоти ахлоқӣ, ки ба зеҳни сунъӣ, махфияти маълумот ва низоъҳои манфиатҳо марбутанд.

# ДУШАНБЕ – ГАҲВОРАИ МУОСИРИ РУШДИ ТАМАДДУНИ ТОҶИКОН

Замоне буд, ки дар олам давлатҳо вуҷуд надоштанд ва инсонҳо дар шакли қабилавӣ ва авлодӣ умр ба сар мебурданд. Ин марҳилаи ҳаёти инсонӣро ҷомеаи ибтидоӣ меноманд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ нишонаҳои давлатдорӣ вуҷуд надошта, муносибатҳои одии идоракунии байниҳамдигарӣ вуҷуд доштанд. Минбаъд ин муносибатҳо ташаккул ёфта, боиси пайдоиши аввалин давлатҳо гардиданд ва барои идора намудани аксарият (омма, халқ) меъёрҳо ва қоидаҳоро муқаррар сохтанд. Ин меъёрҳо дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ ташаккул ёфта, рушд намуданд ва дар замони муосир вижагии нав ва замонавиро касб намуданд.

Давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ дорои нишонаҳои муайян буда, бахри нигаҳдошт ва ҳифзи онҳо аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад. Дар баробари дигар нишонаҳои давлат, пойтахт ҳамчун маркази бавуҷудоварандаи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз аломатҳои асосии давлат дар замони муосир ба ҳисоб рафта, дар умури давлатдорӣ нақши муҳимро мебозад. Дар ҳамаи марҳилаҳои таърихӣ давлатҳо ба худ як маркази асосӣ, яъне пойтахтро муқаррар месохтанд ва тавассути он ҳоким ё фармонраво (амир, шоҳ, император ва ҳоказо) тамоми ҳудуди давлатро зери роҳбарӣ қарор медоданд. Тамоми муносибатҳо аз пойтахт маншаъ гирифта, ҳамчун идеологияи давлатдорӣ, мафкураи намунавӣ ва андешаву ҷаҳонбинии кишвардорӣ дар дигар ҳудудҳои мамлакат ҷорӣ карда мешуданд. Ҳокимон барои ба намоиш гузоштани эътибор ва нуфузи худ пойтахти давлатро аз тамоми ҷиҳат ободу зебо гардонида, дар он иншооти давлатию идориро ҷойгир месохтанд, зеро қалби давлат пойтахтро медонистанд. Ҷумлаи аҳолии ҳудуди давлат барои касби даромади беҳтар ва таҳсил дар бахшҳои гуногуни илм ба марказ меомаданд, чунки пойтахт ҳамчун қалби давлат тамоми имкониятҳоро дар худ фарогир буд.

Дар замони муосир низ пойтахт ҳамчун маркази қабули қарори сиёсӣ ва муайянкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ нақши худро нигоҳдоштааст. Ҳокимияти сиёсӣ дар марказ ҷойгир буда, давлат тавассути қабул намудани қарорҳо, қабули қонунҳо, муайянсозии ҳуқуқ, озодӣ, вазифа ва қоидаҳо тақдири шаҳрвандони худро муқаррар месозад. Тамоми меъёрҳо ва усулҳои идораи давлатӣ дар маркази давлат муқаррар карда шуда, аз воҳидҳои марзию маъмурӣ иҷрои онҳо талаб карда мешавад. Албатта, дар муайянсозии нақши пойтахт сохтор ва шакли идораи давлатӣ нақши калон мебозад.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон марказҳои давлат ба маркази илму адаб табдил ёфта буданд ва ҳазорон шоиронy бузургони ин миллат аслан дастпарвару тарбиятдидаи қалби давлат – пойтахтҳо буданд. Яъне, дар тӯли таърих пайтахтҳои тоҷикон, ки маркази асосии рушди тамаддуну фарҳанг на танҳо дар минтақа, балки дар сайёра махсуб мешуданд, ҳазорон фарзандони фарзонаву фарҳехтаро тарбия карда, ба камол расонидааст, ки халқи тоҷикро ҳамчун миллати соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг, тоҷдору давлатдор, кишваркушову сулҳовар ва дорои идоракунии хосса ба ҷаҳониён муаррифӣ намудаанд.

Ҳанӯз замони дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ будан, соли 1924, ба Душанбе мақоми шаҳр дода шуда, он ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон эътироф карда шуд. Баъдан, он соли 1929 ба Сталинобод табдили ном карда, соли 1961 дубора номи зебову тоҷиконаи он баргардонида шуд. Он замон Душанбе ҳамчун яке аз марказҳои муҳим дар баробари дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт.

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 сентябри соли 1991, Душанбе ҳамчун пойтахти он эълон карда шуда, марҳилаи нави пешравиҳои он ҳамчун пойтахти Тоҷикистони тозаистиқлол шурӯъ гардид. Ҳангоми сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ баъзе ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ аз байн бурда шуданд, аммо баъди бартарафсозии ҷанг тамоми тадбирҳо бахри эҳёи симои пойтахти азизамон андешида шуданд.



Имрӯз шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Раиси ободкору бунёдкор, роҳбари созандаву шаҳрсоз муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва дастгириву роҳнамоиҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба куллӣ симои худро тағйир дода, ба яке аз шаҳрҳои зеботарини Осиёи Марказӣ, ки дорои имконот ва шароити муосири шаҳрдориву шаҳрнишинист табдил ёфтааст. Ҳамасола дар пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе чорабиниҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ гузаронида мешаванд. Ҳамоишҳои илмиву фарҳангӣ ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ дар маконҳои дидании пойтахт ташкил шуда, дар он олимон, ходимони сиёсӣ, аҳли фарҳанг ва варзишгарон Тоҷикистони азизро ба ҷаҳониён муаррифӣ месозанд.

Солҳои охир ҳазорон сайёҳони хориҷӣ ба кишвари мо омада, аз мавзеъҳои таърихиву фарҳангии ҳудуди шаҳри Душанбе ва қаламрави мамлакат боздид ба амал меоваранд, ки аз таъмин будани амният ва тартибот гувоҳӣ медиҳад. Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояшон иброз доштаанд, ки ҳар як фарди ватандӯст бояд дар ободу зебо намудани кишвар, бахусус пойтахт саҳми арзандаву арзишманди хешро гузорад. Зеро ободии пойтахту кишвар аз ҳар як узви ҷомеа вобастагӣ дорад. Пас, ҳар яки мо бояд дар ободу зебо намудани Тоҷикистони соҳибистиқлол, бавижа пойтахти зебои он – шаҳри Душанбе саҳмгузор бошем.



**САЪДИЗОДА Ҷаҳонгир**
**мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, н.и.х., дотсент**

Ҳамасола дар хусуси таҷлили рӯзи пойтахт қарори дахлдор қабул карда шуда, Рӯзи пойтахт ба таври хоса дар сатҳи баланд бо баргузории маҷмуи чорабиниҳо таҷлил карда мешавад.

Имсол низ бо қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе доир ба омодагӣ ва таҷлили Рӯзи пойтахт ба тасвиб расида, таҷлили он ба 19 апрели соли 2025 рост меояд. Боварии комил дорем, ки имсол низ таҷлили Рӯзи пойтахт дар сатҳи баланд сурат гирифта, тавассути силсилаи чорабиниҳои илмию маърифатӣ ва фарҳангию варзишӣ мо метавонем симои шаҳри Душанбе ва ба ин васила, таърих у тамаддуни миллати тоҷик ва Ватани азизамон – Тоҷикистонро ба ҷаҳониён нишон диҳем ва муаррифӣ созем.

Асосҳои зерин собит месозанд, ки Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе бояд дар сатҳи баланд таҷлил карда шавад.

1. Қароргоҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пойтахт мебошад.

2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" пешбинӣ гардидани рӯзи махсус ҳамчун Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шанбеи сеюми моҳи апрел).

3. Пойтахт симои давлат аст.

4. Дилҳох давлатро пойтахти он муаррифӣ месозад, яъне пойтахт муаррифгари давлату миллат мебошад.

5. Пойтахт асос ва маркази инкишофи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

6. Маркази қабули қарорҳои сиёсӣ пойтахт мебошад.

7. Пойтахти давлат маркази ташаккули арзишҳои миллӣ ва давлатӣ ҳисобида мешавад.

8. Пойтахт макони як шудани ақидаву андешаҳо ва тарбия намудани фарзандони миллатдӯст мебошад.

9. Дар пойтахт арзишҳои қавмию минтақавӣ ва шахсӣ, ки маҳсули ҷаҳонбинии танг у маҳдуд мебошанд, бартараф гардида, арзишҳои миллӣ ва давлатӣ боло мегиранд. Ба ибораи дигар, ҷаҳонбинии васеъ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ташаккул ёфта, ҷаҳонбинии маҳдуд зина ба зина аз байн меравад.

16. Боғи устод Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Умари Хайём ва Садриддин Айнӣ дар пойтахт бунёд шудаанд.

17. Пойтахт маркази ташаккул ва рушди фарҳанги миллӣ аст.

18. Пойтахт маконест, ки дар он муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳам омада, ташаккул меёбанд ва иқтисоди давлатро рушд мебахшанд.

19. Нусхаи устувона ё гилнавишти Асосгузори давлати Ҳахоманишиён, ниёгони миллати тоҷик Куруши Бузург ва боғи ба номи Куруши Кабир пойтахтро зиннат додаанд.

20. Пойтахт маконест, ки дар он бинои Қасри Миллат ҷойгир шудааст.

21. Дар пойтахт на танҳо муносибатҳои иқтисодӣ, балки тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишоф ва ташаккул меёбанд.

22. Ноҳияҳои пойтахт ба номи бузургони миллати тоҷик Исмоили Сомонӣ – асосгузори нахустин давлати тоҷикон, Фирдавсӣ – муаллифи "Шоҳнома"-и оламгир ва Бобои Синo – падари тибби ҷаҳон номгузорӣ шудаанд.

23. Пойтахт арзишҳоеро доро мебошад, ки гузашта ва ҳозираи миллатро бо ҳам пайванд месозад (маконҳои таърихӣ, муҷассамаҳои олимону шоирон ва сарварони сиёсӣ, ки таърихсозӣ намудаанд).

24. Биноисе шохаи ҳокимияти давлатӣ – мақомоти қонунгузор (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), иҷроия (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва судӣ (Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар пойтахт ҷойгузин шудааст.

25. Пойтахт маркази ташаккули муносибатҳои нави идоракунии давлатӣ аст.

26. Бинои асосӣ ё маркази мақомот, вазорату идора ва кумитаҳои давлатӣ дар пойтахт ҷойгир шудаанд.

27. Пойтахт маконест, ки таърих аз он ҷо оғоз гардида, таърихи навини давлат дар он идома меёбад.

28. Бинои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳои бонуфуз ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ дар пойтахт қарор доранд.

29. Мақоми ҳуқуқии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе дар Қонуни асосии кишвар – моддаи 4-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим гаштааст.

30. Пойтахт аз ҷумлаи воҳидҳои марзию ҳудудие мебошад, ки оид ба он қонуни махсус – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз 2-юми январи соли 2018) қабул шудааст.

31. Пойтахт на танҳо маркази идоракунӣ, балки нишондиҳандаи таърих у фарҳанги кишвар ба ҳисоб меравад.

32. Макони ҷойгиршавии сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ пойтахт ба ҳисоб меравад.

33. Пойтахт маконест, ки дар он қаҳрамонҳои Тоҷикистон кору фаъолият намудаанд.

34. Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва хона-музейи устод Садриддин Айнӣ дар пойтахт мебошад.

35. Пойтахт яке аз нишонаҳои мавҷудияти давлат аст.

Дар ин номгӯ ва асоснокозӣ шояд чизе фаромӯш шуда бошад, ки бо кумаки хонанда ҳатман дар оянда илова ва такмил дода мешавад.

# РУЙХАТИ ДОНИШҶӮЁНИ ШУЪБАИ РӮЗОНАИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, КИ СЕССИЯИ САНҶИШИЮ ИМТИҲОНИРО ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2024 – 2025 БО БАҲОИ АЪЛО ҶАМЪБАСТ НАМУДААНД

**НОМУ НАСАБИ ДОНИШҶӮ**
**СОЛ, ИХТИСОС**

Пирова Меҳрона Бахромовна
1-24010100
Идрисов Аминҷон Фарҳодович
1-24010100
Мансурзода Вафоҷон Изатулло
1-24010100
Бахтиёрзода Исфандиёр
1-24010218
Ғиёсов Муҳаммадрасул Сафаралиевич
1-24010218
Мамадкаримов Манучеҳр Шамшерхонович
1-24010302
Иноятзода Зубайдулло Эмоммаъди
1-26010200
Ҳайдаров Садам Саймускинович
1-26010200
Қурбонов Масъуд Қурбонович
1-26010200
Ҳаитов Икром Фаридунович
1-93010100
Раҳимҷонов Демир Ҳакимҷонович
1-24010203
Сангимуродов Мирзоҳаёт Саидкулович
1-24010203
Шарифзода Мақсуд Сайдалӣ
1-24010203
Ҷанобилова Суман Беҳзодовна
1-24010203
Отаҷонзода Ҷамшедҷон Баҳромҷон
1-24010221
Расулова Шукрона Қудратуллоевна
1-93010200
Махсумова Азиза Сухробҷоновна
1-93010200
Ғанизода Омина Шуҳрат
2-24010100
Маъруфиён Бежаншоҳ Фаридун
2-24010100
Мирзозода Ёсуман Саидаҳмад
2-24010100
Назурзода Меҳрона Дилшод
2-24010100
Раҳмон Ноҳид Асадулло
2-24010100
Холназарзода Маҳина Ҳусейн
2-24010100
Абдураҳимов Анушервон Рустамович
2-24010100
Рауфзода Абдурауф Саймумин
2-24010100
Саодати Давлат
2-24010218
Холова Мунира Абдуқаххоровна
2-24010218
Сайдаҳмадзода Шукрона Хошим
2-24010302
Ёраҳмадӣ Фотима Алишер
2-26010200
Бурҳонзорда Бунафша Рустам
2-26010200
Ҳакимзода Омина Сухроб
2-26010200
Раҳимов Ҷовид Воҳидович
2-26010200
Шосаидов Ҳоҷи Саидмирзо Саидбурҳонов
2-26010200
Шамсидинова Мавлуда Жангиевна
2-93010100
Амируллозода Муҳаммад Амирулло
2-93010100
Раҳматова Шодона Маҳмудовна
2-93010100
Самираи Илҳом 2-93010100
Холов Худобахш Сафаралиевич
2-93010100
Алиев Муродалӣ Имомалиевич
2-93010100
Баротова Меҳрангез Юлдошовна
2-93010100
Рустамова Фарангис Қодирбековна
2-93010100
Ҳамидов Озаршоҳ Ҳамидович
2-93010200
Акбарова Умеда Шералиевна
3-24010100
Атоева Хайриниссо Сазоворовна
3-24010100
Идиева Сафия Аҳмадовна
3-24010100
Мирзоализода Рухмина Рахмонали
3-24010100
Раҳимова Беназир Абдуҷаборовна
3-24010100
Назаров Рамзиёр Ғолибҷонович
3-24010100
Сафарзода Фараҳноз Бахтибек
3-24010100
Сафаров Меҳроб Халоватович
3-24010100
Кабилов Носирҷон Киёмидинович
3-24010218
Фатоҳзода Азизаи Фаслидин
3-26010200
Ҳаётзода Амирҷон Умар
3-26010200
Бозоров Шоҳрух Худоёрович
3-26010200
Баҳронзода Маҳинбону Бахтиёр
3-93010100
Исмоилов Анушервон Одилшоҳович
3-93010100
Сулаймонова Мафтуна Сунатулоевна
3-93010100
Саидова Сайёра Комиловна
3-93010100
Абдуллозода Дилором Хайрулло
3-93010200
Бобозода Амина Фаррух
3-93010200
Рақибова Сумая Саидакбаровна
4-24010100
Раҳимова Соро Маҳмадёровна
4-24010100
Абдусаломзода Шерафкан Абдуҳаёт
4-24010100
Раҳимова Аминамо Фарҳодовна
4-24010100
Шарифзода Мадина Шариф
4-24010100
Акрамова Робия Баротовна
4-24010218
Зоирзода Шабнам Икром
4-24010218
Сафаров Салмон Ҳайдарович
4-24010218
Борунов Давронҷон Сайдалиевич
4-24010302
Қодиров Сиёвуш Фурузонович
4-24010302
Исмоилзода Фарзона Тоҳир
4-26010200
Раҳмонзода Саймуҳаммад Сулаймон
4-26010200
Туразода Назрулло Одина
4-26010200
Ҳамидзода Қурбоналӣ Бахтиёр
4-26010200
Шамсов Эмомали Мирзораҷабович
4-26010200
Мавзунаи Саидшо
4-26010200
Абдураҳмонова Маҳина Алишеровна
4-93010100
Раҳимӣ Шодибой Асламзода
4-93010100
Мадаминова Адиба Илхомовна
4-93010100
Оқилова Снежелана Фирдавсиевна
4-93010100

**ШУЪБАИ УМУМӢ**

**СОЛИ 1**

Абдуқодирзода Муҳсинҷон Маҳмадҷон
Абдуллозода Комрон Бобоҷон
Абдураҳмонов Аминҷон
Алимаҳмадзода Сарвар Валимаҳмад
Ашурзода Анваршоҳи Ҳайдаршо
Бобоев Баракатулло Юсуфович
Бобоева Сумая Баҳоуровна
Бобомуродзода Садбарг
Кабутова Сумайна Фарҳодҷоновна
Қобилҷонзода Алӣ Қобилҷон
Қосимов Шарифҷон Маъруфович
Мазоҳиров Шодрӯз Шавкатович
Мелибоева Фарзона Ҷамшедовна
Назаров Ораш Шамсиддинович
Наҷмиддинова Фотима
Негматова Мадина Файзуллоевна
Неъматов Меҳрубон Ҷурабекович
Раҳимов Хусрав Аъзамҷонович
Раҳмонзода Наврӯз Фарҳод
Раҳмоноа Эмомалӣ Абдуалимович
Раҳмонов Аваз Анварович
Саидзода Гулноза Шодмон
Саидуллозода Беҳрӯз Бахтиёр
Саломатов Меҳровар Нуралиевич
Сатторзода Меҳрона Меҳрубон
Сатторов Ҷасурбек Санҷарович
Суҳайлиддинова Дилноза Акрамовна
Таҳирӣ Раҳима Таҳир
Толибов Мушарраф Абдулатоевич
Шарифзода Шукрона Зариф
Қурбонов Масъуд Қурбонович
Хайруллозода Зайнаб Раҳматулло
Ҳакимов Ҳакимҷон Усмонович
Юсупова Нилуфар Умедовна
Ятимов Соҳибҷон Ҷамшедович

**СОЛИ 2**

Абдураҳмонова Шукрона Зуробовна
Аваззода Парвона Мирзохон
Азизӣ Фарзода Фурқат
Асоев Меҳроҷиддин Тоҷиддинович
Асомуддинов Мудасир Маҳмадҷонович
Бобоева Меҳрангез Рамазоновна
Ғайратов Эҳсон Ҳасанович
Ғафуров Азизҷон Комилович
Ғиёсиддинов муин Ҳасанҷонович
Давлатова Шукрона Умедовна
Дустова Омина Шарофидиновна
Зуҳурзода Умедҷон Маҳмадсаид
Исломзода Эҳсон Толиб
Исмоилов Акбаршо Раҳматуллоевич
Каримзода Тарона Уктам
Қадамов Шаҳдод Ҷиёнхонович
Мансуров Шоҳмансур Ҷамшедович
Махсумзода Хуршеда Муҳаммадсаид
Маҳмадқулзода Саид Лутфулло
Мирзоев Хуршедҷон Мирзоҷонович
Муродова Муниса Диловаршоевна
Мусоев Содиқҷон Ҷовидович
Назаров Муҳаммад Тоҷиддинович
Насруллоев Зоир Раҳматуллоевич
Нейматова Меҳрона Бобоҷоновна
Нурзода Осимҷон Муҳаммаднабӣ
Одиназода Амина Саидакобир
Осимзода Осим Муҳаммадибрагим
Раҳимов Муҳаммад Саидвалиевич
Раҷабализода Саудаи Садриддин
Рузиев Ҷобиршо Зоирович
Саломова Суман Парвизовна
Сафарова Фарзона Абдуҷалоловна
Сафолов Хусрав Абдуманонович
Саъдуллоева Мадина Аҳлиддиновна
Собиров Иқбол Илҳомҷонович
Сулаймонзода Дилноза Хисрав
Толибӣ Ҳилолабону Муҳсинзода
Файзуллозода Анушервон Анварҷон
Ҳабибова Фариза Хусравовна
Ҳафиззода Дилшод Тоҷиддин
Ҳафизова Маҳина Салоҳиддиновна
Ҷобиров Ифтихор Маҳмадтолибович
Эшонқулов Эҳсон Наимҷонович

**СОЛИ 3**

Азимова Садафмоҳ Искандаровна
Аминова Парвина Ҳасановна
Амиров Хайриддин Минхожидинович
Амирхонзода Муҳаммад Рустамхон
Анисаи Абдухолиқ
Бобоева Азиза Ёрмаматовна
Бобохонов Ҳадятулло Ҳамдиллохонович
Боқиев Шоҳмурод Ҳоҷимуродович
Ғоибова Хосиятбону Иззатуллоевна
Давлатзода Муниса Абдумалик
Ёрзода Шарифҷон Манучеҳр
Қурбонзода Абдулло Иброҳим
Қурбонов Баҳром Файзалиевич
Қурбонов Насрулло Султонович
Муродова Мавҷуда Назаралиевна
Муҳиддинов Аҳлиддин Файзиддинович
Ниъмонов МуҳаммаддиёрИлҳомович
Нуруллозода Хатичамоҳ Сайвалӣ
Оймаҳмадов Муин Мирзохонович
Олимзода Манижа Ғафур
Олимхуҷаев Сунатулло Мустафоевич
Остонаев Ҷавшан Абдуғаффорович
Раҳмонзода Нигора Ҳотам
Раҳмонов Абдураҳмон Акбархонович
Садриддинов Парвиз Анварович
Сафаров Сайғуфрон Дилшодович
Сиддиқов Фаридун Нодирҷонович
Ташрифзода Сорбон Ташриф
Усмонов Мустафо Исмоилович
Мирзоева Адиба
Фозилов Фозилҷон Роҳбарович
Халилзода Умедҷон Ҳасан
Хоҷаева Шукрона Ҳаитовна
Хушвахтзода Мадина Комилҷон
Чақалов Баҳром Ғуломалиевич
Шарипов Зафар Рустамҷонович
Шарифзода Сафиямо и Муломурод
Шарифзода Эмомалӣ Баҳриддин
Шералиева Муниса Рустамовна
Юнусзода Муҳаммадҷон Абдусамад
Юнусова Фараҳноз Абдураҳимовна

**СОЛИ 4**

Амиров Ёқубҷон Мизробович
Бобоева Мунира Аскархоновна
Боев Фарҳод Маҳмадалиевич
Ғаффорзода Зуҳриддин Шуҳрат
Қурбонов Меҳнатулло Саидмаҳмадович
Маҳмадназаров Мустақим Нуриддинович
Муллоев Мирзомурод Тоҷиддинович
Муминзода Суҳроб Нозим
Олимов Илҳом Фахриддинович
Солиев Муҳаммад Маҳмудҷонович
Таҳирӣ Шукрона Таҳир
Шаропов Саломиддин Маъруфович
Шеров Меҳромҷон Қодирҷонович

# СУРАТГУЗОРИШ АЗ ЧАРАЁНИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ҲАЙАТИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР ДОИРАИ "ҲАФТАИ ИЛМ"



















# ОЗОДИИ АҚИДА, ВИҶДОН ВА ДИН МУВОФИҚИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Озодии ақида, виҷдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад, ки ба ҳар як инсон аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, ҷомеаи башарӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз менамоянд. Озодии ақида, виҷдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои фитрию табиии инсон буда, ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд дохил мебошад.*



**Фируз ШОЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

Озодии ақида, вичдон ва дин дар ҳаёти ҳар як инсон аҳамияти муҳим дорад. Инсон дорои ҳуқуқу озодиҳое аст, ки шахсияти ӯро ҳамчун инсони комил кафолат медиҳанд. Махз, озодии ақида, вичдон ва дин аз ҷумлаи ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст.

Ҷомеаи башарӣ дар симои Созмони Милали Мутаҳид барои ҳар як инсон зарурияти доштани озодии ақида, вичдон ва динро дарк намуда, дар доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон озодии ақида, вичдон ва динро барои ҳар як инсон ва шаҳрванд кафолат додааст. Мақсад аз ин кафолатдиҳӣ дар он аст, ки ҳеҷ ягон инсон ва шаҳрванд набояд аз ҷониби ягон шахс вобаста ба ақидааш, вичдонаш ва эътиқоди диниаш зери таҳқир қарор дода шавад.

Созмони Милали Муттаҳид дар асноди асосӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки оид ба ҳуқуқи инсон қабул кардааст, ҳуқуқ ба озодии ақида, вичдон ва динро низ ҷой додааст. Озодии ақида, вичдон ва дин дар моддаҳои 18 ва 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.), дар моддаҳои 18 ва 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст.

Озодии ақида, вичдон ва дин дар моддаи 18-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.) чунин оварда шудааст: «Ҳар инсон ба озодии фикр, вичдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ тағйири озодонаи дини худ ё эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ, чӣ бо тарики инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ таълим гирифтан, ибодат намудан ва иҷро кардани расму оинҳои динӣ ва маросимиро дар бар мегирад».

Озодии ақида, вичдон ва динро моддаи 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.) чунин муқаррар кардааст: «Ҳар инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ озодии бемамониат доштан ва пайравӣ намудан ба ақидаи худ, бо ҳар восита ва сарфи назар аз ҳудудҳои давлатӣ, ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту андешаро дар бар мегирад».

Озодии ақида, вичдон ва дин дар моддаи 18-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) чунин оварда шудааст: «1. Ҳар инсон ба озодии фикр, вичдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқод, озодии ба таври инфиродӣ ё якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ ибодат намудан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросимӣ ва таълими динӣ гирифтанро дар бар мегирад. 2. Ҳеҷ кас набояд таҳти маҷбурияте қарор дода шавад, ки озодии ӯро дар мавриди бо хоҳиши худ қабул карданӣ дин ё эътиқод маҳдуд месозад. 3. Озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқод танҳо ба андозае маҳдуд карда мешавад, ки тибқи қонун муқаррар гардидааст ва барои ҳимояи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ва ахлоқ, ҳамчунин, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии дигар шахсон зарур аст. 4. Давлатҳои иштирокчии Паймони мазкур ӯҳдадор мешаванд, ки озодии падару модар ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро оид ба мувофиқи эътиқоди худ тарбияи динӣ ва ахлоқӣ намудани фарзандонашон эҳтиром намоянд».

Кафолатҳои озодии ақида, вичдон ва дин дар моддаи 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) чунин омадааст: «1. Ҳар инсон ҳуқуқ дорад, ки бемамониат аз ақидаҳои худ пайравӣ намояд. 2. Ҳар инсон ба изҳори мустақилонаи ақидаи худ ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва андешаро, сарфи назар аз ҳудудҳои давлат, шифоҳӣ, хатӣ ё тавассути матбуот ё шаклҳои бадеӣ ё дигар воситаҳои изҳори онҳоро бо интихоби худ дар бар мегирад. 3. Истифодаи ҳуқуқи дар банди 2 ҳамин модда пешбинишуда ӯҳдадориҳои махсус ва масъулияти махсусро вогузор менамояд. Истифодаи ҳуқуқи мазкур, бинобар ин метавонад аз маҳдудияте иборат бошад, ки онҳо тавассути қонун бояд муқаррар карда шаванд ва барои мақсадҳои зерин зарур мебошанд: а) барои эҳтироми ҳуқуқу эътибори шахсони дигар; b) барои ҳимояи амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ».

Ҳамин тавр, ҷомеаи башарӣ дар симои Созмони Милали Муттаҳид ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии ақида, вичдон ва динро дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон кафолат додааст.

Озодии ақида, вичдон ва дин дар ду сатҳ кафолат дода шудааст. Якум, дар сатҳи байналмилалӣ, дар санадҳои ҳуқуқии меъёрии байналмилалӣ. Дуюм, дар сатҳи дохилидавлатӣ (миллӣ), дар қонунгузориҳои давлатҳои алоҳида, яъне дар қонунгузориҳои миллӣ.

Озодии ақида, вичдон ва дин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатнок гардида, танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии ақида, вичдон ва дин чунин аст:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6.11.1994 с.);
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с.);
3. Дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба озодии ақида, вичдон ва дин ба танзим даровaрда, кафолатнок намудаанд;
4. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро оид ба озодии ақида, вичдон ва дин эътироф кардааст;
5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ оид ба озодии ақида, вичдон ва дин.

Дар моддаи 26-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6.11.1994 с.) озодии ақида, вичдон ва дин чунин кафолатнок гардидааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни алоҳидае қабул карда шудааст, ки ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии ақида, вичдон ва динро кафолат дода, масъалаҳое, ки дар ҷамъият вобаста ба озодии ақида, вичдон ва эътиқоди динӣ бавуҷуд меоянд, ба танзим медарорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, № 489 қабул карда шуда, то имрӯз ба он ду маротиба – бо Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 с., № 739 ва бо Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, № 1497 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с., № 489) аз муқаддима, 8 боб ва 36 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ ба танзим даровaрда, ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии вичдон ва эътиқоди диниро кафолат медиҳад.

Дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с., № 489) мафҳумҳои озодии вичдон, озодии пайравӣ ба дин чунин оварда шудаанд: «Озодии вичдон – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ, инчунин баён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ»; «Озодии пайравӣ ба дин – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои озодона ва мустақилона интихоб кардани ягон дин ва пайравӣ намудан ба он, иштирок дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва таълими динӣ».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қонунҳое низ қабул карда шудаанд, ки озодии ақида, вичдон ва динро кафолат додаанд.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.12.2008 с. қабул карда шудааст, аз 01.04.2009 с. мавриди амал қарор дода шудааст) дар моддаи 86-и худ ҳуқуқ ба озодии эътиқоди диниро кафолат дода, чунин муқаррар намудааст: «1. Барои монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ, аз ҷумла қабул намудани дин ва ё ақидаҳои динӣ ё дигар ақидаҳо ё рад намудани қабули онҳо, аъзо шудан ба иттиҳодияҳои динӣ ё баромадан аз узвияти онҳо, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051). 2. Барои таҳқири ҳиссиёти динии шаҳрвандон ё хароб намудани ашё, нишона ва аломатҳои рамзӣ, ки мутобиқи эътиқоди онҳо мавриди парастиш мебошанд ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051), ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051).

Моддаи 157-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 21.05.1998 с. қабул карда шудааст, аз 01.09.1998 с. мавриди амал қарор дода шудааст) монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ ном дошта, чунин муқаррар кардааст: «Монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ки ба қонун зид намебошанд ё ба амали ба ҷо овардани маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз нанамоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1472), бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ меҳнатӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35, аз 6.10.2008 № 422)».

Ҳамин тариқ, озодии ақида, вичдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд буда, дар қонунгузории миллӣ кафолат дода шудааст. Давлат озодии ақида, вичдон ва динро эътироф, риоя ва ҳифз намуда, тамоми тадбирҳоро дар самти таъмини озодии ақида, вичдон ва дин андешида истодааст.



Некрӯз ҚОДИРОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

# РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КИШОВАРЗИИ СММ (ФАО)



ҚУРБОНЗОДА Муҳаммад
докторанти PhD – и соли дуюми кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

*Ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба ҳисоб рафта, тавассути ҳамкории бисёрҷониба дар узвияти созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати рушди таъмини озуқаворӣ ва пешгирӣ намудан аз ҳама гуна ғизои носолим дар раванди ҷаҳонишавӣ, соҳаи таъмини озуқаворӣ боз ҳам инкишоф меёбад. Ҷаҳонишавӣ боиси он гардид, ки халалдор шудани амнияти озуқаворӣ дар як кишвар метавонад барои кишварҳои дигар низ хатар эҷод кунад.*



Масъалаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои марказии СММ ба ҳисоб меравад. Дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ ба амал баровардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳаллӣ масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ тавассути васеъ намудани инкишофи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, сарфи назар аз ҷинс, нажод ва ғ. ба ҳисоб меравад.

Зеро дар замони муосир ягон давлат наметавонад тамоми масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву техникиро бе ҳамкорӣ ба давлатҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл намояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳо дар соҳаи амнияти озуқаворӣ, ҳамкории кишварҳои рӯ ба рушд бо созмонҳои байналмилалӣ ба як унсури стратегии рушди устувор табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як кишвари аграрӣ-саноатӣ бо манбаъҳои маҳдуди табиӣ аз ҷумла заминҳои кишоварзӣ бо назардошти он, ки 93 фисади ҳудуди кишварро кӯҳҳо ва танҳо 7 фисади онро ҳамвориҳо ташкил медиҳанд, инчунин бо мушкилоти тағйирёбии иқлим, рӯ ба рӯ мебошад, ки зарурати таъмини амнияти озуқавориро дучанд мегардонанд. Ҳалли ин масъалаҳо ба як муносибати ҷиддӣ ниёз дорад, ки таҳияи сиёсати самараноки аграрӣ, ҷалби таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро дар бар мегирад. Таъмини амнияти озуқаворӣ як раванди хеле мураккабест, ки аз хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз ёфта, дар мизи истеъмолкунанда ба охир мерасад.

Дар робита бо ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории худро бо Созмони байналмилалии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ аз замони ба даст овардани истиқлолият барқарор намудааст. Дар ин замина санаи 29 апрели соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (минбаъд - ФАО) Тсю Донгюй мулоқот анҷом доданд. Зимни мулоқот масъалаҳои тақвияти иқтидори комплекси агросаноатӣ, таъмини низоми босуботи озуқаворӣ, мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Ҳамчунин, зимни мулоқот татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои идораи самараноки замин ва захираҳои об, беҳбуди бахши чорводорӣ, хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ҷангал, ҳифзи растаниҳо, дастрасӣ ба тухмиҳои хушсифат, идораи мубориза бо ҳашароти зараррасон ва ҷорӣ намудани навовариҳо ва технологияҳои муосири кишоварзӣ зарур шуморида шуд.

Бояд қайд намуд, ки қабл аз ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари расмии хеш ба Ҷумҳурии Италия санаи 25 апрели соли 2024 дар шаҳри Рим бо Мудири кулли ФАО Тсю Донгюй мулоқот анҷом дода буданд ва масъалаҳои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин созмон мавриди баррасӣ қарор дода буданд.

ФАО як муассисаи махсусгардонидашудаи СММ мебошад, ки то имрӯз 194 давлат ба он аъзо гардидааст. Созмон дар самти барҳам додани гуруснагӣ, баланд бардоштани сифати ғизо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ фаъолият мекунад. Аз замони таъсисаш дар соли 1945, ин Созмон нақши марказиро дар ташаккули сиёсати ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ бозида, ба кишварҳои узв кӯмаки техникӣ ва молиявӣ мерасонад, то рушди бахши аграриро таъмин намоянд. Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи он мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд. Бар асоси он, ҳадафҳои асосии ФАО аз инҳо иборатанд:

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО дар асоси як қатор созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии миллӣ, ки амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табииро танзим мекунанд, сурат мегирад. Ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, рушди комплекси агросаноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

Механизмҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкорӣ ба меъёрҳои Оинномаи ФАО, созишномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ФАО, ӯҳдадориҳои байналмилалии кишвар дар доираи СММ инчунин, қонунгузории миллӣ такя мекунанд. Дар маҷмӯъ, онҳо низоми мукаммали танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки ба ташаккули сиёсати аграрии устувор ва таъмини амнияти озуқаворӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи он мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд.

Оинномаи ФАО инчунин, уҳдадориҳои кишварҳои узвро дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои самараноки соҳаи кишоварзӣ, ҳамоҳангсозии ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо гуруснагӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонии таъминоти озуқаворӣ пешбинӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1995 узви ФАО шудааст, ӯҳдадор аст, ки сиёсати миллии худро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ созад. ФАО соли 2014 намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд.

Яке аз санадҳои муҳими ҳуқуқии ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФАО Созишномаи ҳамкорӣ, ки соли 1996 ба имзо расид, ки худи ҳамин сол дар асоси ин ҳуҷҷат шуъбаи ҳамоҳангсозии ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Ҷорабиниҳои аввал асосан ба қонеъ кардани дархостҳои фаврӣ дар бораи таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ ва кӯмак ба гурезаҳои баргашта равона карда шуда буданд. Инчунин, ФАО ва Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи дигари ҳамкориро соли 2016 ба имзо расониданд. Дар доираи созишномаи мазкур се самти асосии хмкорӣ яъне амнияти озуқаворӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва муқовимат ба тағйирёбии иқлим барои давраи солҳои 2016-2017 муайян карда шуда буд.

Инчунин, ФАО ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 санади лоиҳавии «Баланд бардоштани иқтидори таҳқими амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани ғизо дар як қатор кишварҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ» - ро имзо карданд.

Дар доираи ин созишнома, ФАО ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии методӣ ва машваратӣ пешниҳод намуда, дар таҳияи барномаҳои миллии рушди соҳаи кишоварзӣ, мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ҷорӣ намудани тадбирҳои навсозии бахши аграрӣ мусоидат менамояд.

Тавофуқҳои болозикр самтҳои асосии ҳамкории дуҷонибаро муайян намуда, ба таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар комплекси агросаноатӣ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, ташрифи Директори кулли ФАО ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО такони ҷиддӣ бахшида, дар мутобиқсозии стандартҳои миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи аграрӣ имкон фароҳам оварда, дар оянда бо ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ин самт барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ, мусоидат менамояд.

*Дар марҳилаи имрӯзаи рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар, истифодаи босамар ва сарфаҷӯёнаи неруи барқ ҳамчун омили муҳими субот ва пешрафти ҷомеа мақоми хоса пайдо намудааст. Солҳои охир, бо шарофати андешидани тадбирҳои муассир ва ислоҳоти соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои истеҳсоли неруи барқ дар кишвар ба маротиб афзоиш ёфтанд ва марҳала ба марҳала маҳдудиятҳои қаблан ҷорикардашуда аз миён бардошта шуданд. Ин пешрафт имконият дод, ки сокинон дастрасии бештари барқро эҳсос намоянд, аммо ҳамзамон сабаби он гардид, ки қисмати аҳолӣ дар истифодаи он ба зиёдаравӣ ва исрофкорӣ роҳ диҳанд.*

# САРФАИ НЕРУИ БАРҚ - РОҲИ УСТУВОР БА СӮИ ЗИНДАГИИ ОСОИШТА

Дар бисёр манзилҳои истиқоматӣ ба мушоҳида мерасад, ки сокинон бо истифодаи нодуруст ва бемавриди таҷҳизоти барқӣ ба буҷаи хонадони худ зиён мерасонанд. Ин дар ҳолест ки ҳанӯз соли 2009 бо имзои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия» зарурати гузаштан ба истифодаи лампаҳои каммасраф ва дигар таҷҳизоти камэнергия таъкид шуда буд. Ҳадаф аз ин иқдом дар навбати аввал таъмини бештару босифати аҳолӣ бо қувваи барқ ва дар баробари он, пешгирии талафот ва исрофкорӣ буд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари фароҳам овардани шароити таъминоти муназзами барқ, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи савияи масъулияти шаҳрвандон ва таъсиси низоми муосири назорату баҳисобгирии хароҷоти барқ тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла ҷорӣ намудани механизмҳои электронии ҳисобкунии барқ, ислоҳоти низоми пардохт ва тақсимоти қувваи барқ боиси он гардид, ки сатҳи сарфакории аҳолӣ боло равад ва дар натиҷа садҳо хонавода имкони сарфа кардани маблағҳои буҷаи оилавию шахсии худро пайдо кунанд.

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани соҳаи энергетика, дар баробари пешбурди лоиҳаҳои бузурги тавлиди барқ, инчунин дар самти таъмини риояи қонун ва муҳофизати манфиатҳои иқтисоди миллии давлат чораҳои иловагӣ андешидааст. Аз ҷумла, санаи 2-юми апрели соли 2025 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонун дар бораи ворид намудани илова ва тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки барои пурзӯр намудани ҷавобгарӣ нисбат ба



НАЗАРЗОДА Сайёҳат
донишҷӯи соли 4

истифодаи ғайриқонунии неруи барқ равона шудаанд, қабул намуд.

Тибқи иттилои расмӣ, ин қонунҳо дар заминаи супориши Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, ҳадафи асосии онҳо пешгирии амалҳое чун тағйир додани нишондоди ҳисобкунакҳо, истифодаи ғайриқонунии барқ ва зарар расондан ба соҳаи иқтисод мебошад. Вазири адлия Музаффар Ашуриён зимни муаррифии лоиҳаҳо дар Маҷлиси намояндагон изҳор дошт, ки чунин амалҳои бемасъулиятона ба манфиатҳои миллӣ ва иқтисодии кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Аз ин рӯ, амалӣ шудани сиёсати энергетикии давлатӣ ва расидан ба зиндагии шоиста на танҳо вазифаи Ҳукумат, балки уҳдадории ҳар як фарди ҷомеа аст. Мо бояд бо ҳисси баланди масъулият қарзи шаҳрвандии худро адо намоем: аз истифодабарии таҷҳизоти каммасраф истифода барем, маблағи барқро сари вақт пардохт намоем ва аз исрофкорӣ ҷилавгирӣ кунем. Танҳо бо чунин муносибати дурусту аҳамиятнок мо метавонем ояндаи равшану дурахшони кишварро таҳким бахшем ва ба орзуву ормони зиндагии шоистаи миллӣ расем.

Сарфакорӣ - на танҳо воситаи коҳиши хароҷот, балки роҳи устувор ба сӯи зиндагии беҳтару осоишта барои ҳар як шахс, оила ва тамоми миллат ба шумор меравад.

# ҶАВОНОН-НЕРУИ СОЗАНДА

*Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар харитаи сиёсии дунё арзи ҳастӣ намуд, ки барои расидан ба ин дастовард ҷавонон нақши бориз доранд. Имрӯзҳо вазифа ва рисолати аввалиндараҷаи мо ҷавонон таҳкими сулҳу субот ва нигоҳдориву оромии мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ҳар як ҷавон, ки худро соҳибватан меҳисобад, бояд ҳеҷ гоҳ зиракии сиёҷиро аз даст надиҳад. Ҳамаи андешаву кӯшиши худро ҷиҳати таъмини волоияти қонун, болоравии эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва таҳкими ваҳдату ягонагӣ равона намояд.*



ИСМОИЛЗОДА Зиёратшоҳ
судяи суди ноҳияи Шоҳмансур

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳу равшан ба назар мерасад. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пайдарпайи пешомада Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод. Дар ин давра яке аз дастовардҳои арзишманд ин мулоқоти нахустини расмии роҳбари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони ҷумҳурӣ 2 феврали соли 1993 маҳсуб меёбад. Ин нишонаи дарвоқеъ ғамхор, пуштибон, дастгир ва парастор будани Сарвари кишварро нисбат ба ҷавонон ҳамчун қишри муҳимми ҷомеа инъикос менамояд.

Ҳукумати ҶТ бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пайвастабарои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чораҳо ва тадбирҳои мушаххас меандешад.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як мамлакат ояндаи худро дар симои ҷавонони ҳушёру болаёқат ва ояндасози худ дида метавонад. Ҷавонон сутуни устувори ҷомеаанд, зеро ҳалқаи пайванди наслҳои башар маҳсуб меёбанд. Онҳо метавонанд иқтидори иҷтимоӣ, сарватҳои маънавӣ ва арзишҳои ахлоқии гузаштагони моро ба мерос баранд, зеро онҳо ҳамчун неруи қавӣ дар ҳама давру замон созанда ба ҳисоб меранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавон мебошад ва зиёда аз 70 фисади аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин миқдор шумора дар воқеъ қувваи бузурги пешбарандаи хоҷагиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад Дар кишвар эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” ин бори дигар собит намуд ки мо ҷавонон пайваста зери тавҷҷуҳ ва ғамхориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошем ва чи тавре, ки дар ироаи паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотирнишон намуданд “Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон танҳо бо Соли ҷавонон маҳдуд намешавад. Баръакс, ҳалли масъалаҳои вобаста ба наврасону ҷавонон минбаъд низ самти муҳимтарини фаъолияти мо хоҳад буд”.

Дар замони истиқлолият дар кишвар барои ҷавонон таъсис додани стипендияи Президентӣ, идрорпулиҳои раисони вилоят, шаҳру ноҳия, ҷоизаи “Исмоили Сомонӣ” барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, бунёди муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ, варзишгоҳҳои замонавӣ, таъсис додани Квотаи Президентӣ, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастгириҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон мебошад.

Нисбат ба ҷавонон ғамхориву дастгирӣ намудан ва дуруст ба роҳ мондани тарбияи онҳо аз тарафи Ҳукумати кишвар якчанд барономаву стратегияҳо қабул карда шудаанд, ки ҷавононро ба фардои дурахшони Ватан умедвор мекунанд.

Имрӯз ҷавонони кордони ботадбир ва саодатманду сарбаланди мо дар ҳама соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат дар вазифаҳои пурмасъулу роҳбарикунанда кору фаъолият менамоянд ва дар раванди пешрафту ободонии Ватани азизамон нақш ва саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Мо насли ояндасози миллати куҳанбунёди тоҷик ҷавобан ба ғамхориҳои Пешвои ҷавононпарвари миллат бо як ҳисси баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ ваъда медиҳем, ки ҳар як лаҳза зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста аз пайи омӯзиш гардида, Ватани маҳбубамон Тоҷикистони беназирро боз ҳам дида ободу зебо гардонида, мавқеъи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам болотар бардорем ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва арзишҳои миллиро ҳимоя намуда, бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва ифтихори миллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ фаъолияти пурсамар ва баҳри пойдориву устувории давлати хеш, таҳкими Ваҳдати миллӣ, самимона ва фарзандона хизмати содиқона хоҳем кард.



# ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ҚУВВАИ БАРҚ: ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВА МАЪМУРӢ ДАР САМТИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ОИДА ВА МЕЪЁРҲОИ ИСТИФОДАИ ҚУВВАИ БАРҚ

Рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як самти муҳим ва стратегӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Тоҷикистон дорои манбаъҳои бойи энергетикӣ, бахусус манбаъҳои обӣ аст, ки дар рушди соҳа энергетикаи сабз нақши муҳим доранд. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳоро барои беҳтар кардани инфраструктураи энергетикии худ ва таъмини аҳолӣ бо барқ истифода мекунад. Манбаъҳои асосии энергия дар Тоҷикистон гидроэнергетика мебошанд.

Яке аз мушкилотҳои калон, ки ба рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфӣ мерасонад нодуруст истифода намудани қувваи барқ ва ё ғайри қонунӣ истифодаи он мебошад. Мушкилот ва проблемаҳои масрафи қувваи барқ метавонанд ба хелҳои гуногун ва омилҳои зиёде вобаста бошанд. Дар таҳлили умумӣ, онҳо метавонанд бо мушкилоти иқтисодӣ, муҳити зист, ва технологӣ рабт дошта бошанд. Баъзе аз мушкилот ва проблемаҳои асосии масрафи қувваи барқ ба ҳисоб меравад. Масрафи зиёди қувваи барқ дар баъзе кишварҳо ё минтақаҳо, ки метавонад бо сабабҳои мухталиф ба мисли беқувватии инфрасохтор, таъмири кам ё норасоиҳои интиқоли барқ дар шабакаҳо иртибот дошта бошад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия», ки дар соли 2009 ба имзо расида буд, ба ҳадафи беҳтар кардани самаранокии истифодаи неруи барқ ва ташвиқи сарфаи он қабул гардид. Тавре ки маълум аст, дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, беҳбудии истифодаи қувваи барқ ва сарфаи он аҳамияти баланд дорад, ки на танҳо сабаби коҳиш ёфтани хароҷоти иқтисодӣ, балки инчунин таъсири мусбат ба муҳити зист мегузорад.

Бо ин мақсад Қонуни ҶТ «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» 19 сентябри соли 2013, № 1018 қабул карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия танзим намуда, тартиби истифодаи захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикиро муайян менамояд. Мутобиқи қонуни мазкур сарфаҷӯии энергия — истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия мебошад. Ташкилотҳое, ки истеъмолкунандагонро бо захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикӣ таъмин мекунанд, вазифадоранд ба истеъмолкунандагони мазкур аз тарзу усулҳои сарфаи захираҳои энергетикӣ ва самараноктар истифода бурдани онҳо мунтазам маълумот диҳанд, аз ҷумла ин иттилоотро дар шабакаи «Интернет», дар ҳомилҳои коғазӣ ва воситаҳои дигари дастрас ҷойгир намоянд.

Барои муҳофизат кардани соҳаи энергетикаи кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тадбирҳои муассир барои кам кардани талафоти барқ ва беҳтар кардани инфрасохтори энергетикӣ таъкид кардааст. Ҳукумати кишвар инчунин ба истифодаи технологиҳои навин ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика аҳамияти махсус медиҳад, ки ба рушди устувор ва беҳтар шудани сифати зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Барои пешгирӣ аз истифодаи ғайриқонунии барқ, меъёри нав ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ки барои тағйир додани нишондоди ҳисобкҳои барқ ва истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ ҷазоҳои сахт таъин мекунанд. 2-юми апрели соли ҷорӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо мақсади таҳкими ҷавобгарии шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ таҳия шудаанд, қабул намуд. Лоиҳаҳои мазкур дар асоси супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 27-уми марти соли 2025 дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд, аз ҷониби Вазорати адлия таҳия гардидаанд.

Мутобиқи лоиҳа, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 2531 илова карда шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои истифодаи неруи барқ пешбинӣ менамояд.

Истеъмоли энергия аз истеҳсоли он ҷудонашаванда аст, зеро он аз иқтидорҳои энергетикӣ ҷудо нест. Ин аз фаҳмиш ва фаъолияти тамоми системаи энергетикӣ, ки маҷмуи захираҳои энергетикӣ, усулҳои истеҳсол, табдилдиҳӣ, тақсимот, истифодабарии онҳо, инчунин воситаҳои техникӣ ва комплексҳои ташкилӣ мебошад, ки таъмини истеъмолкунандагонро бо навъҳои мувофиқ таъмин мекунанд, бармеояд.

Дар заминаи таҳқиқи мазкур камбудиҳои як қатор масъалаҳои марбут ба ин категорияи ҷиноятҳоро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, омӯзиши масъалаҳои марбут ба объекти бевоситаи ҷиноят, предмети он, муайян кардани дараҷаи зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зикр кардан зарур аст. Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои мушаххаси насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ворид намудани меъёрҳои алоҳида сариваҷтӣ мебошад.

Ворид намудани меъёри алоҳида дар КҶ ҶТ дар бораи "Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ" боз ҳам ҳифзи муносибатҳои истифодабарии қувваи барқро дуруст ба роҳ мемонад.

Бо ин мақсад аз тарафи мақоми қонунбурор дар КҶ ҶТ Моддаи 2531 "Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ" чунин муқаррарот ворид карда шуд: "Аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад".

Меъёри мазкур дар бораи дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва истифодаи қувваи барқ ба таври ғайриқонунӣ маълумот медиҳад. Албатта, ки ин бо мақсади пешгирии пардохти маблағ барои истифодаи қувваи барқ ва насупоридани ҳисоботҳои дуруст таҳия шуда аст. Аз рӯи меъёри мазкур ду амали мустақилро муайян кардан мумкин аст:

Аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ... Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ..

Дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ яъне ба таври расмӣ, дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади паст кардани ҳисоб ё насупоридани маблағ қонунӣ мебошад.Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунии дуруст ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ яъне агар як шахс ё ташкилот қувваи барқро бе пайваст шудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ истифода кунад, он ҳамчунин як амали ғайриқонунист ва сазовори ҷазо эътироф карда мешавад.

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир намудани кирдорҳои дар моддаи 2531, албатта, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин кирдор, пешбинӣ шудааст. Қисмати якуми моддаи мазкур переюдиксияи маъмуриро пешбинӣ менамояд.

Вақте ки сухан дар бораи «дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он», меравад, кирдори шахс дар шакли тағйир ё ихтилоф дар нишондодҳои ҳисобкунӣ равона карда мешавад, ки бо мақсади кам кардани ё манъ кардани ҳисоби ҳақиқии истифодаи қувваи барқ сурат мегирад. Ҳамин тавр, одамон ё ташкилотҳо, ки барои кам кардани ё нодида гирифтани ҳисоби дурусти истифодаи барқ амал мекунанд, ки кирдори онҳо дар натиҷа оқибатҳои ҳуқуқӣ ҷиноятиро ба бор меоварад.

Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунии ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ дар мавридест, ки шахс ё ташкилот қувваи барқро бе васли дурусти ҳисобот ва бе истифодаи таҷҳизоти ҳисобкунӣ гирифта, истифода мебарад.

Дар маҷмӯъ, агар кирдоре, дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ дубора ба амал ояд, он дар назар дорад, ки яке аз шартҳои ҳуқуқӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан асос мешавад.

Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ метавонад таҳдидҳои ҷиддӣ ба беҳатарӣ ва муҳити атроф эҷод кунад. Ҳар як фалокат ё садамае, ки бар асари вайрон кардани ин қоидаҳо рӯй медиҳад, метавонад ба танҳо ба шахсиятҳо, балки ба ҷомеа низ зарар расонад.



**САИДЗОДА Абдулмаҷид**
**прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# АЗ МОҲИЯТИ ТЕРРОРИЗМ ТО ЗАРУРАТИ МУҚОВИМАТ БО ОН



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ иброз медоранд, ки «ифротгароӣ, таассуб, хурофот, коштани тухми хусуматҳои динӣ ва мазҳабӣ, дар роҳи дин қурбон шудани одамон, суиистифода намудан аз ислом бо мақсадҳои сиёсӣ, шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар амалҳои манфии барои ҷомеаи муосир хавфнок моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем». Ин суханони пурҳикмати Пешвои миллат бояд сармашқи кори ҳар як тоҷики тоҷикистонӣ бошад. Вақтҳои охир дар бораи терроризм хеле зиёд мегӯянду менависанд. Ба сифати ҷавоне, ки то андозае аз рӯйдодҳои ҷаҳон огоҳам хулосаам ин аст, ки зиёд гардидани таваҷҷӯҳ ба масъалаи мазкур ба авзои ҷаҳони муосир вобаста мебошад. Барои мисол, то чанд сол қабл ҷомеаи Аврупо фикр мекарданд, ки терроризм ба онҳо хатар надоранд. Вале сахт иштибоҳ карданд.

Қабл аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои зиёд дар самти муқовимат ба зуҳуроти мазкур тадбирҳои муассир меандешад. Бамаврид аст, ки таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат (22-юми декабри соли 2017) иқтибос орем: «Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест».

Гузашти вақти ба он қадар зиёд собит намуд, ки муайяну мушаххас намудани принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, мукаммал кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирӣ ва мубориза бо он, мавриди истифода қарор додани усулҳои наву муассири бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ зарур аст. Тибқи муқарраоти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «терроризм ин мафкуран зуроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад».



**АБДУЛЛОЗОДА Абдулло**
**донишҷӯйи соли 1**

Донистан муфид аст, ки террорист шахси воқеӣ буда, дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ё мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад. Аз далелу рақамҳо бармеояд, ки терроризм ва ифротгароӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ибтидои мавҷудияти инсоният зуҳур кардааст, дар байни ифротгароӣ ва терроризм алоқамандӣ мавҷуд аст, аммо набояд ин ду мафҳумро ба ҳам монанд кард. Агарчанде онҳо як решаи умумии иҷтимоӣ, сиёсӣ доранд, дар шаклҳои гуногуни фаъолият зуҳур мекунанд.

Терроризмро, бо истиснои баъзе ҷузъиёти он, ҳамчун қисми таркибии ифротгароӣ, зуҳуроти нисбатан равшани он тасаввур кардан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, вобаста ба шиддат гирифтани равандҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ мо, ҷавонон бояд эҳтироми арҷгузорӣ ба ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сармашқи кор қарор диҳем. Ҳамчунин, бояд дар хотир дошта бошем, ки Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан рисолати асосии мост.

# БОРЬБА С ТЕРРОРИЗМОМ ОСНОВНАЯ ЗАДАЧА КАЖДОГО ЧЕЛОВЕКА



**Фарзона МЕЛИБОЕВА**
**студентка 1-го курса**

В нашем нынешнем мире терроризм и экстремизм являются одними из самых опасных вызовов для безопасности обществ и государств. Эти явления наносят вред не только отдельным людям, но и целым странам, разрушая экономику, политическую стабильность и общественный порядок. Также подрывают основы мирного сосуществования.

По сей день терроризм и экстремизм стали синонимами страха и боли. Эти явления приносят гибель, разрушение, несчастье невинным людям и разжигают ненависть. Они противоположны всему, что делает общество сильным: единству, уважению, справедливости.

Терроризм — преступная деятельность, основанная на применении насилия или угрозы насилия ради достижения религиозных, политических или идеологических целей. Террористы стремятся посеять страх, повлиять на решения властей. Обычно их действия направлены против мирных граждан, что делает терроризм особенно жестокой формой насилия.

Экстремизм — крайние взгляды и действия, отвергающие компромисс и толерантность. Экстремисты чаще всего могут не прибегать к террору напрямую, но именно их идеи часто становятся идеологической основой для радикализации отдельных людей и групп, что в конечном итоге ведёт к террористическим актам.

Террористы используют насилие, чтобы добиться своих целей. Им не важно, кто страдает — старики, дети, обычные прохожие, матери или жены. Их цель — сломать, запугать, навязать свою волю. Экстремизм — это почва, на которой вырастают такие идеи. Это отказ от человечности, от диалога. Это фанатизм и ненависть, превращённые в оружие.

Современные террористические и экстремистские движения используют новые технологии, в том числе интернет и социальные сети, для вербовки, пропаганды и координации своих действий.

Причины этих явлений могут быть разными, по типу: отсутствие образования, социальное неравенство, религиозные и политические вопросы, а также влияние группировок через интернет и социальные сети. Чаще всего с этим связываются молодые люди, которые ищут поддержку, смысл жизни, впадают в депрессию и попадают под влияние агрессивной пропаганды.

Борьба с терроризмом и экстремизмом требует осторожного, обдуманного и комплексного подхода. Этот процесс должен иметь не только силовые меры — работу спецслужб и правоохранительных органов, — но и профилактику: развитие образования, поддержку молодежи, продвижение идей мира, уважения и диалога между культурами. Международное сотрудничество играет важную роль, ведь терроризм не знает границ.

Также борьба с терроризмом и экстремизмом — это обязанность не только государства, но и каждого человека. Только через объединение усилий, просвещение и терпимость возможно сохранить мир и безопасность в современном обществе. Противостояние этому явлению — это не разовая акция, а долгосрочная стратегия, долгий процесс, которая требует усилий государства, общества и каждого гражданина.



# ДЕНЬ МОЛОДЕЖИ – ПРАЗДНИК ЭНЕРГИИ, МЕЧТЫ И БУДУЩЕГО

*Патриотизм, уверенность в будущем своей страны и желание сделать ее лучше – вот главное, что должно быть у сегодняшней молодежи. День молодежи – это не просто дата в календаре, это торжество энергии, надежд и стремлений. Он олицетворяет мощь молодого поколения, его мечты, свободу выбора и желание преображать мир к лучшему. Каждое государство созидает своё будущее, основываясь на силе, энергии и вдохновении молодежи. В Республике Таджикистан День молодежи, празднуемый 23 мая, стал символом уважения к молодому поколению и его важной роли в жизни державы.*

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно обращался к молодёжи, подчёркивая её ключевую роль в развитии страны. В своих посланиях и выступлениях он акцентирует внимание на важности образования, патриотизма и активного участия молодого поколения в общественной жизни.

Действительно, молодёжь – это сердце нации, её дыхание и движение. Именно в молодом возрасте рождаются смелые идеи, создаются масштабные проекты, закладываются основы будущей карьеры и взрослой жизни. Сегодняшние школьники, студенты, молодые специалисты – это завтрашние учёные, врачи, инженеры, юристы. От их образования, моральных качеств и устремлений зависит, каким будет Таджикистан в грядущем. Поэтому государство придаёт большое значение развитию молодежной политики, создавая условия для образования, профессионального роста и творческой реализации молодых людей.

Этот праздник – прекрасный повод задуматься о своем месте в жизни, о целях, к которым хочется идти несмотря ни на что.





РАХМОН Нохид
студентка 2-го курса

Он вдохновляет на новые свершения, объединяет активных и неравнодушных личностей, тех, кто готов брать на себя ответственность за перемены в стране и мире.

Этот день напоминает нам всем: у молодого поколения есть сила изменить мир к лучшему. Главное – поддержать их, выслушать и дать возможности. Ведь когда молодежь чувствует, что в неё верят, она способна на невозможное. Пусть День молодежи станет для каждого молодого человека началом большого пути – пути знаний, созидания и любви к Родине. Ведь именно в их руках – светлое будущее Таджикистана.

# LONG LIVE YOUTH AND YOUNG PEOPLE

*Our beloved country, Tajikistan, is a young and independent state, and along with the country's youth, almost 70 percent of the population is made up of young people. That is why the government of the country, from the first years of independence and the implementation of state policy, has set a high priority on this important segment of society and creative and innovative force.*

May 23rd plays a valuable and historical role in the lives of the country's youth. Since it was in this very year, 1997, the beloved Head of our country, Emomali Rahmon, during his regular meeting with talented youth, declared May 23rd as Youth Day. Beginning in 1997, on the basis of the legislative initiative of the Esteemed Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, as a symbol of special respect and recognition for the achievements of the nation's youth in establishing and maintaining peace and stability, and their effective role in protecting the achievements of state independence and the borders of the ancestral land, Tajikistan's Youth Day was included in the calendar of state holidays. Every year, the young generation welcomes this valuable date with special splendor and magnificence.

In order to further activate youth, laws, resolutions, and state programs have been adopted, including the Law of the Republic of Tajikistan «On State Youth Policy», which has opened up even wider avenues for uniting youth, protecting the borders and homeland of Tajikistan, strengthening the foundations of statehood, and their constructive and creative work. Also, at the same time, the «Strategy of State Youth Policy in the Republic of Tajikistan» was adopted, which all raised the need for youth participation in solving urgent tasks of the country's socio-economic development.

Today, the Government of the country, led by the Leader of the Nation, comprehensively supports the creative initiatives and proposals of young people and has created good opportunities for their implementation. Along with such support and care from the Head of State, today's youth should be the most active segment of society, preserving the creative and constructive initiatives of the Leader of the Nation and the era of independence with a high sense of patriotism, and contributing to the political and social life of the country with warm hands, hearts, and constructive energy.





Benazir RAHIMOVA
student of 3rd course

We, the youth, must protect the security of the state and the honor and dignity of patriotism, protecting ourselves from all the unwanted dangers and dangers of a hostile world. Patriotism and love for the homeland among young people in the modern era have acquired particular importance, and it is necessary and essential for every proud and honorable youth of the country to engage in the study of science and knowledge, professions and crafts, to know the past history of their people, which is full of ups and downs, to respect the historical and cultural values of the nation, to value the worth of this civilization-creating nation above all else, and in general, to be self-aware and conscious.

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ зери роҳнамоиҳову иқдомоти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди сиёсати дурбинона ва муваффақонаи давлатии ҷавонон пардохт ва тавонист дар ин бахш ба натиҷаҳои беназир, ки муҳайё сохтани шароити мусоиди рушдро барои ҷавонон дар бар мегирад, даст ёбад.

Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон шартан ба 3 марҳила тақсим намуд.

## МАРҲИЛАИ АВВАЛ

Бори аввал сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 13 марти соли 1992, №561 мавриди танзим қарор гирифт, ки он аз 6 фаслу 28 модда иборат буд ва доираи васеи ҳуқуқҳоро барои ҷавонон кафолат дода, механизми татбиқсозии сиёсати давлатии ҷавононро пешбинӣ мекард.

## МАРҲИЛАИ ДУВВУМ

Бо қабули Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеаи дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваст ва он ба сиёсати давлатии ҷавонон бетаъсир намонд. Маҳз ҳамин дигаргуниҳо зарурати қабули қонунро дар тарҳи нав ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, 15 июли соли 2004, №52 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" бо фарогирии 6 боб ва 32 модда қабул гардид. Қонуни нав нисбатан такмилёфта буда, ба фарқ аз қонуни пешина масоили бештарро дар соҳаи ҷавонон мавриди танзим қарор медод. Ба қонуни зикргардида 2 маротиба тағйиру илова ворид карда шуд ва соли 2014 дар заминаи ин иловаҳо таъсиси Шӯрои кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуд, ки ин рӯйдодро метавон ҳамчун марҳилаи нави ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ намуд.

## МАРҲИЛАИ СЕЮМ

Мусаллам аст, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳоли рушд ва дигаргуншавиҳо қарордошта, такмили пайвастаи қонунгузории мавҷударо тақозо менамояд. Бо гузора шудани 17 сол аз қабули қонуни дуюм дар самти сиёсати давлатии ҷавонон зарурати таҳия ва қабули қонун нав ба вуҷуд омад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", ки дарбаргирандаи 5 боб ва 33 модда аст, бори сеюм 23 декабри соли 2021, №1830 ба имзо расид.

Дар ҳоли ҳозир қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни болозикр, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар заминаи Қонуни мазкур ва ҷиҳати татбиқи меъёрҳои он имрӯз дар кишвар як қатор барномаву стратегияҳои давлатӣ амалӣ гардидаистодаанд, ки аз заминаи мусоиди ҳуқуқии амалисозии сиёсати давлати ҷаонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Аз ҷумла, ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян намуда, ҳамчун механизми амалиёбии бонизоми он таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №567 Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 қабул гардид, ки он яке аз механизмҳои асосии татбиқкунандаи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб рафта, имконияти воқеиро оид ба фароҳам овардани шароити иштирок ва мусоидат дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон муҳайё месозад.

Дигар санади муҳим дар самти сиёсати давлатии ҷавонон, ки амалишавии он дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо муҳим арзёбӣ мегардад, ин Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 маҳсуб мегардад.

Дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳамоварии заминаи мусоиди ҳуқуқӣ нақши санадҳои болозикр ва дигар санадҳои мавҷуда калидӣ маҳсуб мегардад. Маҳз эҷоди



Меҳроб САФАРОВ
донишҷӯйи соли 3

фазои мусоиди ҳуқуқӣ баҳри амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ба он овардааст, ки имрӯз дар кишвар шароити зарурии рушд барои ҷавонони саодатманди диёр фароҳам оварда шавад.

Ҷавонони моро месазад, то бо шукургузорӣ аз фазои сулҳу суботи сартосарии кишвар ва бо истифода шароити мусоиди мавҷуда баҳри омӯзиши илму ҳунар ва донишу малакаҳои замони муосир камари ҳиммат баста, дар атрофи сиёсати ҷавонпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гарданду Тоҷикистони азизамонро дар минбарҳои сатҳи баланд ва майдонҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд.

